**ТАҚРИЗ**

ба автореферати рисолаи **Муродов Парвиз Худойдодович дар мавзӯи “Хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия

Мусаллам аст, ки Тоҷикистон дорои захираҳои бузургу беназири обӣ мебошад. Таи солҳои охир идоракунии оқилонаи захираҳои обӣ то дараҷае ба масъалаи муҳим табдил меёбад, ки ҳатто накш ва мақоми давлатро дар арсаи ҷаҳонӣ муайян менамояд. Барои самаранок истифода бурдани бартарии мазкур ҳангоми истифодаи об принсипҳои муносибати маҷмӯӣ, такмилу модернизатсияи технология, таҳқиқу омӯзиши хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обӣ ва бо ин васила рушди маҷмуи хоҷагии оби кишварро таъмин намудан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Кӯҳҳои Тоҷикистон сарчашмаи муҳими оби тоза буда, дарёҳои он захираи биосферии оби тозаи нӯшокӣ мебошанд. Дар робита ба ин, барои аёният таҳқиқоти гидрохимиявии оби ҳавзаи дарёи Варзоб гузаронида шудааст, ки асосан аз шохобҳо сарчашма мегирад. Шохобҳои дарёи Варзоб аз манбаҳои гуногуни баландкӯҳ – пиряхию барфӣ ё барфию пиряхӣ ғизо мегиранд.

Аз автореферати рисола бармеояд, ки муаллифи он Муродов П.Х. зимни гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ бештар ба таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои гидрохимиявии оби ҳавзаи дарёи Варзоб, таҳлили омории тағйирёбии бисёрсолаи маҷрои дарё, таҳқиқи қонуниятҳои тағйирёбӣ ва тақсимоти фазоии маҷрои ҳавзаи дарёи Варзоб, инчунин муайян намудани хусусиятҳои изотопии оби ҳавзаи дарёи Варзоб диққати махсус додааст..

Дар кори илмии мазкур пеш аз ҳама таҳлили нишондиҳандаҳои гидрохимиявии сифати оби ҳавзаи дарёи Варзоб тариқи усулҳои физикию химиявӣ ва бактериологӣ гузаронида шуда, ҷиҳати истифодаи самараноки захираҳои оби ҳавзаи дарёи Варзоб якчанд тавсияҳои амалӣ пешниҳод намудааст. Аз ҷониби муаллиф омӯзиши хусусиятҳои изотопии оби ҳавзаи дарёи Варзоб низ бо мақсади арзёбии миқдорӣ ва сифатӣ, инчунин боэътимодии истифодаи захираҳои оби ҳавзаи дарёи Варзоб гузаронида шуда, натиҷаҳои таҳқиқот ба даст оварда шудааст.

Бояд зикр намуд, ки омӯзиши микроэлементҳои дар оби ҳавзаи дарёи Варзоб мавҷудбуда ва дорои хусусиятҳои гуногун дошта низ дар рисолаи мазкур мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, тариқи усулҳои муосири муайян намудани чунин микроэлементҳо, ба монанди таҳлили атомӣ-адсорбсионӣ ва нейтронӣ-фаъолсозӣ истифода карда шудаанд.

Муаллиф оид ба муаяйн намудани индекси ифлосшавии оби ҳавзаи дарёи Варзоб таҳқиқотҳо гузаронидааст, ки натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда шудаанд.

Натиҷаи таҳқиқотҳо нишон додаанд, ки сифати оби дарёи Варзоб ба синфи гурӯҳи дуюм, яъне ба оби тоза мансуб мебошад.

Дар боби охирони рисола Муродов П.Х. бо якчанд коркардҳои илмӣ оид ба истифодаи самараноки оби ҳавзаи дарёи Варзоб тавсияҳои амалӣ пешниҳод намудааст, ки татбиқ гардидаанд.

***Камбудӣ ва эродҳо оиди автореферат*:**

*1. Дар автореферат оид ба натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашудаи муаллиф дар бораи муайян намудани нишондиҳандаҳои сифати оби ҳавзаи дарёи Варзоб тариқи таҳлили физикӣ-химиявӣ ва бактериологӣ оварда нашудааст.*

*2. Матни автореферати рисола аз хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ оҷиз нест.*

Дар умум, камбудиву эродҳои зикргардида, ба эътимоднокӣ ва навгонии натиҷаҳои илмии бадастовардаи Муродов П.Х. сатҳу сифати кори илмиро паст накардаанд.

*Хулоса. Аз автореферат бармеояд, ки* кори диссертатсионии Муродов Парвиз Худойдодович, рисолаи илмӣ-таҳқиқотии ба анҷомрасида ҳисобида шуда, матни автореферат мазмун ва мундариҷаи диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос менамояд. Тавсияҳои дар рисола дарҷгардида аз нуқтаи назари илмӣ асоснок ва боэътимод мебошанд.

Рисолаи илмии Муродов Парвиз Худойдодович дар мавзӯи "Хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия ба талаботи Низомнома оиди тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи рисола сазовори соҳиб шудани дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси зикргардида мебошад.

номзади илмҳои химия, дотсент
мудири кафедраи "Химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ"-и
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

Зоиров Ҳ.А.

734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Акад. Раҷабовҳо 10.
Тел: +992(372)21-35-11; E-mail: info@ttu.tj, ttu@ttu.tj
Имзои н.и.х., дотсент. Зоиров Ҳ.А.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори ШК ва КМ ДТТ ба номи М.С.Осимӣ Шарипова Д.А.